# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 26 ноябри соли 2020**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст (Қарори №11, аз 13. 08. 2020).

Диссертант Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич, соли таваллудаш 1987, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои ҲХДТ, оиладор.

Диссертант соли 2012 шуъбаи рӯзонаи забон ва адабиёти ӯзбеки факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо дипломи дараҷаи бакалавр хатм намудааст.

Соли 2012-2014 дар бахши магистратураи донишгоҳи мазкур таҳсил намуда, соҳиби дипломи дараҷаи магистрӣ (аъло) гардидааст.

Соли 2015 ба шуъбаи докторантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда (фармони- №432-ОД, аз 03.10. 2015), онро соли 2018 (фармони - №395-ОД, аз 03. 07. 2018) хатм намудааст.

Аз сентябри соли 2018 ба ҳайси ассистент дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ: Маҳмадҷонов Олимҷон Обидҷонович,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ: Мухторов Зайнидин Мухторович,** доктори илмҳои филологӣ, Сардори Раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст: А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Исмоилов Б. А. Таснифи калимаҳои тоҷикии забони ӯзбекӣ аз рӯйи соҳаҳои истеъмол дар осори Абдулло Қаҳҳор / Б. А. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –Душанбе, 2017. -№ 4/5. -С. 24-29. (ба забони тоҷикӣ).

[2-М]. Исмоилов Б. А. Назаре ба омонимшавии вожаҳои тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ / Б. А. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон– Душанбе, 2017. -№ 4/6. -С. 37-42. (ба забони тоҷикӣ).

[3-М]. Исмоилов Б. А. Иқтибосшавии вожагони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ: мутобиқшавии савтиётӣ ва хусусиятҳои онҳо / Б. А. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ - Душанбе, 2018. -№ 3(75). -С. 177-184. (ба забони тоҷикӣ).

[4-М]. Исмоилов Б. А. Пешвандҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ / Б. А. Исмоилов // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода -Душанбе, 2020. -№ 3 (39). -С. 167-175. (ба забони тоҷикӣ).

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Исмоилов Б. А. Иқтибосоти тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ / Б. А. Исмоилов // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳо –Душанбе, 2018. -№ 4(28). – С. 17-29. (ба забони тоҷикӣ).

[2-М]. Исмоилов Б. А. Роҳҳои иқтибосшавии калимаҳои тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ / Б. А. Исмоилов // Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавон - Душанбе, 2016. - № 15 (15). – С. 14-17. (ба забони тоҷикӣ).

[3-М]. Исмоилов Б. А. Таҳлили сохтории вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ / Б. А. Исмоилов // Маводи конференсияи байналмилалии "Масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ-типологии забонҳо ва усулҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ". -Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2018. –С. 25-34. (ба забони тоҷикӣ).

[4-М]. Исмоилов Б. А. Пасвандҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ / Б. А. Исмоилов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии "Саҳми занон дар илм". -Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода –Душанбе, 2020. –С. 45-56. (ба забони тоҷикӣ).

**Дар тақризи муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи забони тоҷикӣ омадааст, "Муаллифи диссертатсия дар заминаи насри яке аз қаламкашони номии ӯзбек, Нависандаи халқии Ӯзбекистон Абдулло Қаҳҳор, махсусан, романҳои "Сароб", "Қӯшчинор чироқлари", қиссаву ҳикояҳои "Синчалак", "Олам яшаради", "Оғриқ тишлар" ва ғ. таъсири файзбори забони тоҷикиро ба таркиби луғавии забони ӯзбекӣ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар диссертатсияи мавриди тақриз дар баробари муваффақияту дастовардҳои зиёд, баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси афзоиши ҳусни диссертатсия хоҳад гардид:

1. Ҳанбаи илмии диссертатсияро бо фарогирии адабиёти илмиву сарчашмаҳои адабии дигар, чун «Кутадғу билик»-и Юсуф Хос Ҳоҷиби Баласоғунӣ, "Девони луғоти-т-турк"-и Маҳмуди Кошғарӣ, мақолаҳои "Аз

робитаи забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ"-и профессор Ф.Зикриёев, "Нерӯи ҳаётбахш"-и профессор А. Ҳасанов (Ҳасанзода) ва ғ. бояд пурқувват намуд.

2. Зерфасли 1.2-и боби аввали диссертатсия "Таснифи калимаҳои тоҷикӣ аз рӯи дараҷаи истеъмол" бо мазмуни фасл ва ҳамчунин унвони боби якуми диссертатсия –"Мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор" мутобиқат надорад.

3. Дар таъйини мансубияти забонии калимаҳо гоҳо ғалат роҳ ёфтааст, чунончи воҳидҳои луғавии ***мург, шаҳр, заҳр*** (портӣ), ***пиёла*** (юнонӣ), ***навкар*** (туркӣ), ***мувосо, мудоро, зино, маъно, маслиҳат*** (арабӣ) ҳамчун унсурҳои забони тоҷикӣ таҳлил шудаанд.

4. Морфемаи ***сер-*** пешванд муаррифиву таҳлил шудааст, ки, ба гумонамон, ин унсур ҳанӯз абстраксияи маъноиро паси сар накардааст ва пешванд хондани он дуруст нест.

5. Калимаҳои сохтаи ба забони дигар, чунончи ба ӯзбекӣ иқтибосгардида бояд дар забони иқтибосгир чун унсури сода таҳлилу омӯхта шаванд, мисли ***бемеҳр, беҳаё, беназир, бедил*** ва ғ. Махсусан, ки забони ӯзбекӣ ба гурӯҳи забонҳои агглютинативӣ мансуб буда, калимасозӣ тавассути пешвандҳо мушоҳида намешавад.

6. Дар таъйини сохти калимаҳо низ ғалат роҳ ёфтааст, чунончи калимаҳои ***нондон*** ва ***себаргаву чорроҳа*** мураккаб маънидод шудаанд.

7. Калимаҳои мураккаби навъи ***нонвойхона, гадобача, гулбарг, гулбоғ, гулбаҳор, гулдаста, дилозор, дилхун*** ва ғ. мураккаби пайваст дониста шудаанд, ки ғалат аст.

8. Унсурҳои луғавии ***ошхӯр, нонхӯр, гӯштхӯр, носфурӯш, нонпаз*** ва ғ. ҳам дар зерфасли калимаҳои сохта ва ҳам дар зерфасли калимаҳои мураккаб таҳлил шудаанд.

9. Дар диссертатсия ғалатҳои услубӣ (с.7, 8, 9, 11, 12, 21, 23, 34 ва ғ.), имлоӣ (с.7, 8, 14, 15, 17, 21, 36 ва ғ.), китобӣ (с.9, 20, 23, 58 ва ғ.) ба назар мерасанд.

10. Дар феҳристи адабиёт низ ғалатҳои мухталиф, аз ҷумла мувофиқат накардани саҳифаи адабиёт, номувофиқатии соли нашри китоб, такрори адабиёт (чунончи, №17 ва 103) ва ғ. ба назар расиданд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати рисола таъсир намерасонанд.

Диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016-ум, таҳти №505-ум тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-и доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D0205011 - Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад".

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Калонова Маҳина Ҷумабоевна** –номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино". Тақриз мусбат буда, дар он сарфи назар аз ҳама муваффақият ва дастовардҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар расиданд, ки номбар намудани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

-Диссертант ба он муваффақ шудааст, ки маводи бисёре ҷамъ овардааст, лекин на ҳама мисолҳои дар автореферат ҷойдошта, таҳлил карда шудаанд.

-Дар саҳифаҳои 10, 13, 15, 21 баъзе ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида расидаанд.

Тақризи **Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, мусбат буда, баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқот хоҳад гардид:

-Ба назари мо, хуб мешуд, ки хулосаи кор дар автореферат мукаммалтар мешуд.

-Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

Тақризи **Раҳматова Муаттар Муқимовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДПДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ, мусбат буда, баъзе нуқсонҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи саривақтии онҳоро ба манфиати кор медонем:

-Дар автореферати диссертатсия қисмати “Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот” хеле мухтасар оварда шудааст. Ҳол он ки диссертант метавонист дар баробари нишон додани сарчашмаҳои илмии дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ анҷомдодашуда ба баъзе аз назарияҳои илмии хориҷӣ низ такя карда, аз онҳо ёдовар шавад.

-Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатогиҳои имлоию техникӣ низ ба назар мерасад.

Тақризи **Табаров Хайрулло –** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон мусбат буда, дар он ба камбудиву норасиҳо ишора шудааст, ба монанди:

-Ба назари мо, дар автореферат иқтибосҳоро зиёдтар овардан даркор буд.

-Дар саҳифаҳои автореферат хатогиҳои имлоӣ низ ба чашм мерасад.

Тақризи **Шафоатов Азал** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии ДТҶТ ба номи С. Раҳимов мусбат буда, дар он камбудиву норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, аз ҷумла:

-Дар автореферат иқтибосоти кам оварда шудааст.

-Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобатӣ ба чашм мерасанд (саҳ. 8, 11, 14, 17, 19 ва ғ.).

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ доранд. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филологӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки докторант дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии калимаҳои иқтибосии забони тоҷикиро дар забони ӯзбекӣ, ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳқиқоти вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар муҳити дузабонии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ташаккул ёфта, барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла, луғатшиносӣ чун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат менамояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои назариявии таҳқиқотро метавон дар баррасии минбаъдаи масоили дузабонӣ истифода намуд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсия метавонад ҳангоми омӯхтани калима ва ибораҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ, хондани курсҳои махсус оид ба иқтибосшавии калима ва ибораҳо, тайёр кардани дастурҳои таълимӣ ва матни лексияҳо барои фанни "Забоншиносии типологӣ" мавриди истифода қарор гирад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар таълифи диссертатсияи мазкур, асосан, аз усули маъмулии таҳқиқотии тасвирии синхронӣ дар заминаи таҷзияву таҳлил ва муқоисаи маводи баррасишаванда истифода шудааст. Тавассути усули мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи лексикию семантикӣ ва тобиши маъноиву овоии калимаҳо ошкор ва муайян гардидааст. Ба воситаи методи таҳлили муқоисавӣ мувофиқат ва хусусиятҳои фарқкунандаи сохтори вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ муқаррар карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда масъалаҳои зерин, ки хусусияти навгонии корро нишон медиҳанд, ё унсурҳои навгонӣ дар масъалаи хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ дар заминаи забони осори Абдулло Қаҳҳор ба муҳокима пешниҳод мешаванд:

1. Таҳқиқот дар ин замина муқаррар намуд, ки калима ва ибораҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ нисбат ба дигар калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ аз ҷиҳати миқдор хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд;

2. Омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор барои таҳқиқоти минбаъда дар заминаи омӯзиши муқоисавии забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ шароити мусоиди илмӣ фароҳам меоварад;

3. Қолабҳои калимасозии дар забонҳои муқоисашаванда маъмул ва роиҷ дар забони осори Абдулло Қаҳҳор дар заминаи маводи амалӣ нишон дода шуданд;

4. Умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи калимасозии ҳиссаҳои номии нутқ дар асоси маводи гирдовардашуда муайян карда шуданд;

5. Масъалаи муродифоти калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор ёфтаст;

6. Дар асоси ошкор намудани тобишҳои маъноии калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ гурӯҳҳои семантикии онҳо нишон дода шудаанд.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мешавад, ки мавзӯи мазкур бори нахуст дар забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор мегирад. Корбурди вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар асоси асарҳои нависанда Абдулло Қаҳҳор низ ошкор шуданд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 26 ноябри соли 2020 дар бораи ба Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси

6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 16 нафар иштирок дошт, ки аз ин 6 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - 1 «баргаҳои беэътибор» - нест.

Шӯрои диссертатсионӣ баромади Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ), тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайнидин Мухторович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумаровичро шунида, муҳокима карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)-ро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов А.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А. Ш.

**26 ноябри соли 2020.**